**Ба Шурои диссертатсионии 6В.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати дисертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст
(Душанбе, 2022. – 31 саҳ.)

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 111 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, масоили ҳуқуқии он муҳтавои асосии автореферати диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбековичро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 31 саҳифа пешниҳод шудааст. Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардидааст, инчунин феҳристи интишороти илмии муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрам будани мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи диссертатсияи Муқимов С.Д. ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қонунгузории ҷиноятӣ маҳсуб буда, таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода шавад. Ҳамзамон, ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди минбаъдаи

қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Дар рафти таҳқиқот муаллиф иброз намудааст, ки саҳми олимони ватанӣ дар таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бузург аст, онҳо баъзе аз паҳлуҳои мавзуи мазкурро баррасӣ карда, барои таҳқиқоти мазкур замина фароҳам овардаанд. Лекин дар ин раванд ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он ҳамчун мавзуи мукаммали монографӣ таҳқиқ нагардидааст. Яъне дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ то имрӯз таҳқиқоти бунёдӣ дар ин самт гузаронида нашудааст, ки он айни замон зери таҳқиқот қарор дорад.

Маврид ба зикр аст, ки дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавада, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, доир ба саҳми довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро фаро гирифтааст.

Ҳамзамон, хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда, таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босифати таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ қарордоштаро иҷро намояд, лекин новобаста аз ин баъзе пешниҳодҳо манзур мегардад, ки зарурати таҳлилу баррасиро дорад.

1. Муаллиф дар рафти таҳқиқот оморро хуб истифода кардааст, лекин мутаассифона омори соли 2022 бо дарҷи тамоюли зиёдшавию камшавӣ нишон дода нашудааст.

Пешниҳодҳои болозикр ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, аз ҷумла 7 адади он дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигар интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки таҳқиқоти баанҷомрасида мусбӣ баҳогузорӣ шуда, иброз менамоям, ки ин масъала нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро фаро гирифтааст, ки ҳам дар амалия ва ҳам дар назария самаранок истифода бурда мешавад.

Дар маҷмуъ, қобили қайд аст, ки автореферати диссертатсияи номзадии Муқимов С.Д. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз ҷиҳати илмӣ пайдарпай ва асоснок таҳия гардида, аз рӯйи

фикру андешаҳои ҷадид ва мантиқӣ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Муқимов С.Д. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона омода гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифи рисола Муқимов С.Д. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:

Судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тағозода А.С.

Имзои Тағозода А.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратуллозода О.Н.

28.08.2023

**Суроғаи муқарриз:**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев 1, 734018.**
**E-mail: info@sud.tj Тел: +992 778-88-08-00; +992 (37) 233-75-48 Факс: +992 (37) 233-01-22**